**Президент Республики Таджикистан**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**President Republic of Tajikistan**

*ш. Душанбе* *№ 1/14 – 35* *22 марти соли 2021*

*Хонуми Олиҷоҳ,*

*Ба муносибати фарорасии 200-мин солгарди ҷашни миллии Ҷумҳурии Юнон сарфарозам аз номи худ ва Ҳукумат ба Шумо ва тамоми мардуми дӯсти кишваратон табрикоти самимона ва таманниёти некро бифиристам.*

*Боиси таҳсин аст, ки Юнон дар давраи сипаришуда роҳи мураккаби эъмори давлати соҳибистиқлолро тай намуда, имрӯз ба комёбиҳои назаррас дар ҳама арсаҳо дастёб шудааст ва дар ҳамкории байналмилаливу равандҳои ҷаҳонӣ ширкати фаъол дорад.*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Юнон манфиатдор аст ва нисбат ба дурнамои онҳо назари нек дорад.*

*Дар ин зимн мо ҳамеша омодаем, ки баҳри таҳкиму тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории муфид иқдомҳои мушаххасро анҷом диҳем.*

*Бовар дорам, ки тавассути кӯшишҳои якҷоя сатҳи ҳамкориҳои гуногунарсаи байни кишварҳои мо дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ба пояҳои баландтар бардошта хоҳанд шуд.*

*Ба Хонуми Олиҷоҳ саломатии комилу комёбиҳои рӯзафзун ва ба мардуми ба мо дӯсти Юнон сулҳу амонӣ ва саодату пешрафт орзу дорам.*

***Бо эҳтиром,***

**Эмомалӣ Раҳмон**

*Ба Хонуми Олиҷоҳ*
*Катерина Сакелларопулу*
*Президенти Ҷумҳурии Юнон*
*Афина*